**Тақриз**

**ба автореферати Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Дар асоси таҳлили маълумоти мавҷуда оид ба хусусияти шароити ташаккул ва амалигардони вазифаю масъулияти падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ метавон маҷмӯи ҷанбаҳои иҷтимоиву психологӣ, психологиву педагогӣ, фарҳангӣ-анъанавии муосирро, ки ба иҷрои накши падарӣ таъсир мерасонанд, ҷудо намуд. Шароити ташаккули фаъолияти тарбиявии ҷавонписаронро чун падар ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо намудан мумкин аст. Омодагии муайяни психологӣ ба падарӣ ҳолати даркнамоиро ҳамчун имконияти идоракунии фаъолияти тарбиявии худ, пешбинии натиҷаҳои он дар асоси донишҳо, ба таври мувофиқ баҳогузорӣ ва арзишмандии онҳо, инчунин ба дигарон омӯзонидани дониш оид ба амали дуруст ва самаранок тасниф намудан мумкин аст.

Ҳақиқатан диссертант дуруст қайд намудааст, ки сарчашмаи тарбия оила буда, аз оила тарзи муносибати дурусту пазируфташудаи ҷамъиятро метавон омӯхт. Унвонҷӯ аз мушкилиҳои марбут ба тарбия дар оила чашм напӯшида, балки онҳоро воқеъбинона таҳлил кардааст.

Довталаб бо максади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст ва қайд мекунад,ки нуқсонҳои тарбияи оилавӣ аз сатҳи пасти рушди шахсӣ ва умумифарҳангии волидайн, махсусан падар, камсаводии педагогӣ ва равонии онҳо, нопуррагии сохтори оила, фазои носолими оилавӣ ва

номуташаккилии ҳаёти оилавӣ бармеояд. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавҷуд набудани ҳамкориҳои судманд ва самараноки нерӯҳои тарбияткунанда, сатҳи пасти рушди соҳаи донишҳо оид ба ташкил намудани ҳаёти оилавӣ, фарҳанги муносибатҳои оилавӣ, шакл ва методҳои корҳои махсуси тарбиявӣ-таълимӣ бо писарон ҳамчун падарони оянда ба камбудӣ ва саҳву хатоиҳои сершумор оварда мерасонанд. Тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки таҳқиқи он хусусияти илмӣ ва амалӣ дошта, саривақтӣ ба ҳисоб бошад.

Ба андешаи муҳаққиқ дар иртибот бо масъалаи мавриди таҳқиқ қарор додани ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ, имкониятҳои маърифатӣ-тарбиявии оила, инкишофи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ яке аз стратегияҳои муҳимтарини илми педагогика маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии факултети педагогика ва варзиш кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» барои солҳои 2020-2025 анҷом дода шудааст (ҷаласаи шурои олимони донишгоҳ аз 24.06.2019, №11). (Рақами қайди давлатӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №193/012 з/и аз 24.01.2024).

Дар кори илмӣ-таҳқиқотии диссертант нуктаҳои назари илмӣ-методологӣ ва асосҳои назариявии тарроҳии технологияҳои ба ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба оила нигаронидашуда муайян карда шудааст.

Бо камоли майл изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳиякардаи диссертант такмили раванди омодагии писарон ба ҳаёти оилавиро таъмин хоҳанд кард.

Ба андешаи мо, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл

кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунад.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсия Азиззода Рухсора собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илми доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ будани унвонҷӯро нишон медиҳад. Натиҷаҳои ба дастомадаи муҳаққиқ, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию – методӣ дар кори илми таҳқиқотии унвонҷӯ асоснок карда шудаанд.

Диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ меҳисобам ва муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) лоиқ мешуморам.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

**Маълумот барои тамос:** Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5 Тел. +992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ:aziz69@mail. Ru

Имзои А. Р. Мирзоев-ро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш. Н.

«17» сентябри 2024